# ТАҚРИЗ

ба рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими технология Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)».

Рисолаи номзадии Маҳмадалиев Э. Ш. «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» ба яке аз масъалаҳои муҳими методикаи таълими фанни технология дар асоси маводи таълимӣ бахшида шудааст.

Рисола аз ҷиҳати сохтор аз ду боб ва даҳ параграф, муқаддима, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима муҳиммияти масъалаҳои таҳқиқшаванда, мубрамияти мавзӯъ, мақсад ва вазифаи таҳқиқот, фарзия, асосҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯъ ва марому мақсади ҳимояи мавзӯъ асоснок карда шудааст. Инчунин саҳеҳият ва асоснокии натиҷаҳои ҳосилкарда, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия инъикос ёфтааст.

Масъалаи омӯзиш ва истифодаи таҷҳизотҳои муосири техникӣ ҳангоми таълими конвергентии технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ дар самти омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) дар сатҳҳои гуногуни маърифати ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ қисме аз тамаддуни касбии омӯзгорону устодони фанни технология ба ҳисоб меравад. Кайд намудан ба маврид аст, ки дар самти омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни технология, хусусан оид ба

технологияи конвергентӣ, фаъолияти олимони бурунмарзӣ ва дохилӣ мавқеи хоса дорад.

Масъалаи истифодаи донишҳои техникӣ-технологӣ дар омода намудани омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ масъалаи муҳим аст. Мушоҳида ва таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки аз тарафи омӯзгорон надонистани технологияҳои коркард дуруст арзёби накардани мафҳумҳои он дар баланд бардоштани маҳорати касбӣ монеаи ҷиддиро ба вуҷуд меорад. Сарфи назар аз натиҷаҳои мусбати дар ин самт ба даст омада, қайд кардан ба маврид аст, ки дар масъалаи омода намудани омӯзгорони ояндаи фанни технология бо истифодаи маводи техникию технологӣ, ҳанӯз ҳам диққати ҳаматарафа дода намешавад, дар сурате, ки ин яке аз талаботҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маҳсуб меёбад.

Маҳмадалиев Э. Ш. барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда ва санҷидани фарзияҳои пешниҳодшуда, муайян намуд, ки масъалаҳои зерин дар рисола омӯхта ва муайян карда шаванд:

1. Таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ оид ба таълими конвергентии технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян намудани тамоюли ин раванд, дараҷаи коркарди масъалаҳои ташаккули асосҳои методии донишҷӯён ҳамчун соҳибкасбони оянда ва азхуднамоии мафҳуми таҳқиқот.
2. Муайян кардани моҳият ва хусусияти компоненти таърихии фарҳанги техникии омӯзгори ояндаи фанни технология, нишон додани имкониятҳои ташаккулёбии ӯ ҳангоми таълими конвергентии технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ.
3. Коркарди дидактики системаи таълими методии технология ки ба ташаккули донишҳои техникии донишҷӯён нигаронида шудааст.
4. Мураттаб сохтани маводи методӣ доир ба таърихи технология барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо элементҳои методикаи истифодаи

онҳо дар раванди таълими технология ҳамчун воситаи ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат).

5. Гузаронидани санҷиши озмоишӣ оид ба самаранокии системаи методии коркардшудаи азхудкунии фан аз тарафи донишҷӯён дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат).

Диссертант мақсаду вазифаҳои дар назди худ гузошташударо дар партави қарору ҳуҷҷатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Пешвои миллат, асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтаррам Эмомалӣ Раҳмон андар худшиносию посдорӣ ва омӯзиши осори ғании ниёгон бар манфиати кишвар анҷом додааст.

Дар илми педагогика масъалаи методикаи таълими ин фан яке аз масъалаҳои муҳим ва пурарзиш ба ҳисоб меравад. Диссертант дар давоми 5 соли таҳқиқоти худ аз масъалаҳои гуногун ва мубрами педагогика ва методикаи таълим огоҳии кофӣ ҳосил карда, аҳамияти назариявю амалии кор ва дараҷаи омӯзиши мавзӯро саҳеҳ баён карда, хулоса ва тавсияҳои ҷолиб пешниҳод кардааст.

Дар ҳақиқат, омӯзиши таълимӣ азхудкунии ин фанро ҳам барои хонандагон ва ҳам барои донишҷӯён осонтар намуда, дониши онҳоро васеъ мегардонад. Воридкунии элементҳои таърихӣ ба раванди дарс ва бо корҳои беруназдарсии донишҷӯён ба талаботи зерин мусоидат мекунад:

- тарбияи завқ ба технологияҳои конвергентӣ;

- азхудкунии амалҳои таълимии универсиалӣ, гирифтани донишҳои пурратар аз фанни технология;

- ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии илмӣ;

- таъмини азхудкунии пурраи мафҳумҳои технологӣ, хусусан истилоҳҳои техникӣ;

- муносибати арзишнок ба донишҳои техникӣ ба воситаи мисолҳо аз технологияи муосир;

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант дар қатори маҷаллаҳои эътирофгардидаи КАО Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои дигари илмӣ ба табъ расидаанд. Қисме аз натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ берун аз кишвар дар Федератсияи Русия низ нашр гардидааст, ки эътирофи ӯ ҳамчун мутахассиси соҳаи методикаи таълими технология мебошад.

Ман бо бовари гуфта метавонам, ки рисолаи ба ҳимоя пешниҳодкардаи Маҳмадалиев Э. Ш. оғози таҳқиқоти ҷиддии ӯ дар соҳаи педагогика, хусусан методикаи таълими технология ба шумор рафта, метавонад таҳқиқоти худро идома дода ба муваффақиятҳои бештаре соҳиб шавад.

Рисола ҷавобгӯи талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ) мебошад.

Автореферат мазмуну мундариҷа ва муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

**Роҳбари илмӣ**

**Доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Сатторов А.Э.**

Имзои Сатторов А.Э. –ро тасдиқ мекунам:

Сардори шӯъбаи кадрҳои

ДДБ баноми Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.

_07_ _10_ 2022с.